Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

23 августи соли 2003. Шанбе № 64 (12907)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.00 имзо гардид.

## Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом КАРИМОВ, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Мӯҳтарам Ҷаноби Президент,

ба супурдани вазифаи қӯмондонӣ омодагӣ дида, ман бо ифтихор он муваффақиятеро ба ёд меорам, ки онро дар ҷанги бузурги зидди терроризм ба даст овардем. Таассуф мехӯрам, ки бо Шумо пеш аз супурдани вазифа натавонистам мулоқот дошта бошам, то ки ба Шумо мамнунияти худро шахсан изҳор намоям.

Ба сифати намояндаи мамлакате, ки ҳамчунин қурбони терроризм гаштааст, ман мехоҳам мамнунияти шахсии худро ба Шумо ва ҳамватанони Шумо барои ҷасорат ва дастгирии мустаҳками онҳо дар амалиёти «Озодии пойдор» ва «Ироқи озод» арз кунам. Кӯшиши якҷояи мо ва инкишофи ҳамкориҳои ҳарбии ду ҷониб дар оянда низ ба нирӯи таъмини амният ва эътидоли минтақа хизмат хоҳад кард.

Бори дигар аз Шумо барои дӯстиатон дар чанд соли охир арзи ташаккур мекунам. То мулоқоти ояндаи мо таманноҳои беҳтаринро дар ҷодаи комёбӣ, бахт ва шукуфоӣ қабул намоед.

Бо эҳтиром,

**Томми ФРЭНКС,**
**генерали Қувваҳои Мусаллаҳи ИМА.**

---

**Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

## Дар бораи такмилдиҳии сохти идоракунии сохтмон ва баҳрабардории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум

***Ба мақсади такмилдиҳии сохти идоракунии сохтмони роҳ, боз ҳам ривоҷ додани шабакаи замонавии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, кӯтоҳ кардани сохторҳои зиёдатии идоракунӣ, баланд бардоштани самарабахшии истифодаи маблағҳое, ки барои нигоҳ доштан, таъмир, таҷдид ва сохтани роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум равона карда мешаванд:***

1. Таклифоти Маҷмӯи сохтмон ва коммуникатсияи роҳу наклиёти Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, Консерни «Ӯзавтойӯл», иттиҳодияҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи хоҷагии роҳсозӣ дар бораи:

ба сифати Ширкати давлатию саҳҳомӣ оид ба сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард (ШДС «Ӯзавтойӯл») аз нав ташкил кардани Консерни давлатию саҳҳомӣ оид ба сохтмон ва баҳрабардории роҳҳои автомобилгарди Ӯзбекистон;

дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилоятҳо дар пойгоҳи Иттиҳодияи ҳудудии давлатию саҳҳомии «Автойӯл» ташкил кардани ташкилотҳои ҳудудии фаръии роҳсозию сохтмонии (Қароқалпоқавтойӯл, Андиҷонавтойӯл, Бухороавтойӯл, Ҷиззахавтойӯл, Қашқадарёавтойӯл, Навоиавтойӯл, Наманганавтойӯл, Самарқандавтойӯл, Сурхондарёавтойӯл, Сирдарёавтойӯл, Тошкандавтойӯл, Фарғонаавтойӯл, Хоразмавтойӯл)-и ширкати «Ӯзавтойӯл» бо ҳуқуқи шахси юридикӣ;

дар таркиби ширкати «Ӯзавтойӯл» дар пойгоҳи раёсати ноҳиявии роҳҳои автомобилгард, раёсатҳои баҳрабардорию хаттӣ, роҳсозию истифодабарӣ, роҳсозию кӯпруксозӣ созмон додани корхонаҳои ноҳиявии пудратии таъмирию баҳрабардории хоҷагии роҳсозӣ пазируфта шавад.

2.Вазифаву самтҳои асосии фаъолияти Ширкати давлатии саҳҳомии «Ӯзавтойӯл» инҳо муайян карда шаванд:

гузарондани сиёсати ягонаи техникӣ, сармоягузорӣ ва фаъолияти берунии иқтисодӣ дар рушд ва такмилдиҳии шабакаи роҳҳои автомобилгард дар ҷумҳурӣ;

мутобиқсозии корҳо оид ба таъмини хизматрасонии маҷмӯъӣ ва дар ҳолати техникии зарурӣ нигоҳ доштани онҳо ва қобилияти гузарониши роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, кӯпрукҳо, роҳҳои зеризаминии пеш аз ҳама дорои аҳамияти байналхалқӣ ва давлатӣ, инчунин фаъолияти ташкилотҳои пудратие, ки ба таркиби ширкат медароянд;

муайян намудани истиқболи рушд ва такмилдиҳии шабакаи роҳҳои автомобилгард;

таъмин намудани ҳалли маҷмӯъии масъалаҳои лоиҳасозӣ, сохтмон, таҷдид, таъмир, нигоҳдорӣ ва баҳрабардории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум;

назорати риоя кардан ба қоидаҳои муқарраршуда ва андозаҳои сифат ҳангоми гузарондани корҳои сохтмон ва таъмиру барқарорсозӣ дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум.

3.Муқаррар карда шавад, ки ба амал баровардани сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ба зиммаи ташкилотҳои ҳудудии фаръии роҳсозию сохтмон, хизматрасонии маҷмӯъӣ ва ба амал баровардани назорати доимии ҳолати техникии роҳҳои автомобилгард ва инфрасохтори роҳ бошад, ба зиммаи корхонаҳои ноҳиявии иҷоравии таъмирию баҳрабардории хоҷагии роҳсозӣ гузошта мешавад.

4. Ба таклифоти Вазорати молия, Кумитаи давлатии андози Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ширкати давлатии саҳҳомии «Ӯзавтойӯл»:

дар бораи аз 1 октябри соли 2003 барҳам додани бунёдҳои ҷумҳурӣ, вилоятӣ ва маҳаллии роҳи сохтори раёсати хоҷагии роҳсозӣ ва созмон додани Бунёди ҷумҳурии роҳсозии назди Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон;

дар бораи ба зиммаи Кумитаи давлатии андоз ва Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурияти Ӯзбекистон гузоштани вазифаи ҷамъ намудан ва назорати пурра омада расидани маблағ ба Бунёди ҷумҳурии роҳсозии назди Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ризоият дода шавад.

5. Вазифаҳои асосии Бунёди ҷумҳурии роҳсозии назди Вазорати молия инҳо муайян карда шаванд:

ба шакли муайян даровардани балансҳои солона ва семоҳаи воридот ва сарфу хароҷоти маблағи Бунёди ҷумҳурии роҳсозӣ;

гузарондани экспертизаи асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҳуҷҷатҳои тендер барои сохтмон, таҷдид, таъмир ва ҷиҳозонии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум;

ба тартиби муқаррар гардида мутобиққунии рӯйхатҳои нишонии сохтмон, таҷдид, таъмир ва ҷиҳозонии обектҳои хоҷагии роҳсозӣ;

ба қайд гирифтани лоиҳаи хароҷотҳо барои истифодабарӣ ва нигоҳ доштани роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум;

мувофиқи хароҷотҳои тасдиқшуда бо маблағ таъмин кардани тадбирҳо оид ба сохтмон, таҷдид, таъмир, ҷиҳозонӣ ва баҳрабардории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, ба амал баровардани назорат барои қонунӣ ва мувофиқи мақсад истифода шудани маблағи Бунёд.

6. Муқаррар карда шавад, ки пардохту боҷҳои ҳатмӣ ба Бунёди ҷумҳурии роҳсозӣ ба андозу боҷҳои давлатӣ баробар карда мешаванд, онҳо ҳар сол баробари тасдиқ шудани буҷети давлатӣ муқаррар карда мешаванд.

7. Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 26 январи соли 1993 рақами ФП 546 «Дар бораи ташкил кардани Консерни давлатии саҳҳомӣ оид ба сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгарди Ӯзбекистон («Ӯзавтодор») беэътибор дониста шавад.

8. Ба Девони Вазирон супурда шавад, ки дар зарфи як ҳафта оиди ба ҳаёт татбиқ намудани фармони мазкур қарор қабул намояд.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**И.КАРИМОВ**

шаҳри Тошканд,
19 августи соли 2003.

---



## Дар арафаи ҷашни истиқлол

Ба муносибати 12-солагии ҷашни истиқлолият дар аксарияти маҳаллаҳои пойтахти мамлакатамон, дар корхонаҳои саноатӣ ва дар дигар муассисаҳо дастархонҳои пурфайз кушода дар атрофи он пирони барнодил даъват мешаванд. Ин анъанаи нек аз қадим боз дар байни халқи мо ривоҷ дорад. Дар арафаи ҷашни истиқлолият чунин пазирой, меҳмоннавозии собиқадорон ҷолиби диққатанд.

Шумо дар ин суратҳое, ки **Раҳмоналӣ Акбаралиев** дар ноҳияи Челонзори пойтахт бардоштааст, намунаҳои меҳмоннавозии мазкурро мебинед.



***Дар сурат:*** *як гурӯҳ мӯйсафедони маҳаллаи «Чархкамолон-2»-и ноҳияи Челонзор дар гирди дастархони идона.* ***2.*** *Оқсақоли маҳалла* ***Зоҳид Атаметов*** *бо фаъолони маҳалла ҳангоми муҳокимаи таҳия кардани тӯҳфаҳои идона ба пирони барнодил ба муносибати ҷашни истиқлол.*

---

**Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

### Дар бораи бо ордени Амир Темур мукофотонидани вилояти Андиҷон

Барои кори бузурги аҳли вилоят дар тараққиёт ва баланд бардоштани зарфияти мамалакат, зоҳир намудани шуҷоат ва ташаббускорӣ зимни мураттаб татбиқ намудани ислоҳот дар тамоми соҳаҳо, инкишофи соҳаи иҷтимоӣ, нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, тарбияи ҷавонон дар руҳи садоқат ба Ватан ва ба муносибати дувоздаҳсолагии истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон вилояти Андиҷон бо ордени Амир Темур мукофотонида шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**И. КАРИМОВ**

ш. Тошканд, 22 августи соли 2003.

**Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

### Дар бораи бо ордени Ҷалолиддин Мангубердӣ мукофотонидани вилояти Хоразм

Барои сазоворона идома додани анъанаҳои мардонагӣ ва қаҳрамонӣ, муҳаббат ва садоқат ба Ватан, ки хоси гузаштагони бузурги мо аст, зоҳир намудани ҷасорат дар шароити сахти иқлимӣ, ба даст овардани натиҷаҳои баланд дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, барои хизматҳои бузург дар ҷиҳати эҳтиёткорона ҳифз намудани мероси бузурги таърихӣ ва маънавии халқ ва тарғиби он дар тамоми ҷаҳон, тарбияи насли наврас дар руҳи воқеан ватанпарастӣ ва ба муносибати дувоздаҳсолагии истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон вилояти Хоразм бо ордени Ҷалолиддини Мангубердӣ мукофотонида шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**И. КАРИМОВ**

ш. Тошканд, 22 августи соли 2003.

---

## Дар Олий Маҷлис

***ТОШКАНД. (Мухбири ӮзА Т.Ботирбеков). Дар кумитаи Олий Маҷлис оид ба институтҳои демократӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳрвандон маҷлис баргузор гардид.***

Дар маҷлисе, ки онро раиси кумитаи мазкур А.Саидов бурд, иттилоот дар бобати таҳияи муштараки ҳуҷҷат дар бораи қонун «Дар бораи интихобот ба Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» бо Кумитаи Олий Маҷлис оиди ба қонунмандӣ ва суду ҳуқуқ шунида шуд. Ин лоиҳа дар қироати дуввум ба муҳокимаи маҷлиси навбатии парлумон гузошта хоҳад шуд. Ҳамчунин тағйироту иловаҳо ба Қонун «Дар бораи интихобот ба шӯроҳои намояндагони халқи вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо»ба баррасӣ гузошта хоҳад шуд. Аъзоёни кумита меъёрҳои навро, ки ба лоиҳаи қонун ворид гардидаанд, муфассал муҳокима намуда, дохил кардани онро ба рӯзномаи маҷлиси навбатии парлумон дастгирӣ карданд.

Ба таваҷҷӯҳи иштирокдорони маҷлис лоиҳаи Қонун «Дар бораи фондҳои ҷамъиятӣ», ки ҳамчунин ба муҳокимаи парлумон дар қироати дуввум гузошта шудани он дар назар дошта шудааст, таъкид гардид, ки лоиҳаи қонуни мазкур аз ҷониби халқ муҳокима гардида, инчунин бо иштироки намояндагони фондҳои ҷамъиятии мамлакат ва аз ҷониби ҷамъият муҳокима гардида, бештар аз 500 пешниҳод ва изҳори фикр дар ин бобат расид.

Аъзоёни кумита ҳамчунин иттилоотро дар бобати таҳияи пешниҳодот дар хусуси ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба Қонун «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрвандон» ба муносибати «Соли маҳалла» эълон гардидани соли 2003 шуниданд. Пас аз муҳокимаи илова ва тағйироте, ки аз ҷониби кумита омода гаштааст, нисбат ба ин қонун чандин пешниҳод ва фикрҳо дар ин масъала арз гардид.

Дар маҷлиси мазкур ҷараёни иҷрои Қонун «Дар бораи созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ» дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон баррасӣ гардид.

Таъкид гардид,ки дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон дар бобати таъмини ин Қонун корҳои муайян бурда мешаванд. Дар қаламрави Қароқалпоқистон ҳоли ҳозир беш аз 200 созмони ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ фаъолият дорад. Дар вазорати адлияи Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон 16 иттиҳодияи ҷамъиятӣ, 46 фонд ва беш аз 130 созмони ғайридавлативу ғайритиҷоратии гуногун аз қайд гузашта, дар қайд 92 шӯъбаи созмони ғайридавлатӣ ҳаст.

Бо мақсади тарғиби қонуни мазкур, ба даст овардани истифодаи меъёрҳои дурусти он, пешниҳоди талқинҳои муфассал дар бораи созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ ба аҳли васеи ҷамъият, мустаҳкам намудан ва васеъ кардани фаъолияти онҳо дар маҳалҳо тадбирҳо, мулоқотҳо ва сӯҳбатҳои «мизи мудаввар» баргузор мегарданд.

Таъкид гардид, ки фаъолияти аксарияти созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии Қароқалпоқистон аз мақсади саҳмгузорӣ ба беҳтар сохтани вазъи экологии назди Арал, аз ҷумла расондани кӯмакҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ёрдами тиббӣ ба занҳову кӯдакон, ки дар шароити наҷандон хуби экологии ин ҳудуд иқомат доранд, иборат мебошад.

---

## Рушди фермерӣ —талаби замон

**БУХОРО. (Мухбири ӮзА Илҳом САФАР).** Дар вилояти Бухоро ба ривоҷи фермерӣ эътибори алоҳида медиҳанд. Агар панҷ сол пеш дар вилоят 1 ҳазору 858 фермер фаъолият нишон дода бошад, алҳол шумораи онҳо аз шаш ҳазор гузашт. Имрӯзҳо 40 фоизи маҳсулоти хоҷагии қишлоқи вилоятро фермерон тайёр мекунанд.

Дар ин бора дар вохӯрие, ки дар ҳокимияти вилоят бо иштироки ҳокимони ноҳияҳо, фермерон ва намояндагони муассисаҳои ба кишоварзӣ алоқаманд ба амал омад, сухан рафт.

Вохӯрӣ таҳти раисии Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И. Ҷӯрабеков гузашт.

Се сол пеш, ба тариқи таҷриба, кулли хоҷагиҳои ширкатии ноҳияи Рометанро барҳам дода ба ҷои онҳо хоҷагиҳои фермерӣ ташкил карда буданд. Вақт дуруст будани ин таҷрибаро исбот кард. Баъди соҳибашро ёфтани замин, яъне ба дасти фермерон гузаштан, даромаднокӣ афзуда арзиши аслии маҳсулот паст шуд. Дар рӯёндани ғаллаву пахта дигаргунсозиҳои мусбӣ ба назар расиданд.

Ҳаракати дар миқёси вилоят ҷорӣ намудани ин таҷриба, ба ҷои хоҷагиҳои ширкатии зараровар, созмон додани хоҷагиҳо фермерӣ авҷ гирифт.

Барои солҳои 2003-2005 консепсияе кор карда баромаданд, ки мувофиқи он ба ҷои хоҷагиҳои зараровар дар асосӣ тендер хоҷагиҳои фермерӣ ташкил карда мешавад.

Фермерони дар вохӯрӣ ба сухан баромада, дар бораи муваффақиятҳои ба даст овардаашон муфассал нақл карда, оиди камбудию мушкилиҳои дар соҳа ҷойдошта ва роҳи ҳаллу фасли онҳо фикри худро баён карданд.

Дар мулоқот ҷонишини Нахуствазир Р. Азимов ва ҳокими вилояти Бухоро С. Ҳусенов иштирок карданд.

**НАВОӢ. (Мухбири ӮзА Ё. Умар).** Дар ҳокимияти вилояти Навоӣ бахшида ба масъалаҳои боз ҳам амиқтар гардондани ислоҳотҳо дар хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла, ривоҷи ҳаракати фермерӣ вохӯрӣ ба амал омад. Дар вай роҳбарони вазоратҳои дахлдор, ташкилотҳо, компанияҳо, ассосиатсияҳо, ташкилотҳои калони хоҷагии қишлоқ, ҳокимони ноҳияҳо, мутахасисони номдор, раисони хоҷагиҳои ширкатӣ ва фермерон иштирок карданд.

Вохӯрӣ таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И. Ҷӯрабеков гузашт.

Ҳоли ҳозир дар вилоят 3 ҳазору 986 хоҷагии фермерӣ амал карда, 106 ҳазор гектар майдон дар ихтиёри онҳост. Дар ноҳияҳои Навбаҳор, Навоӣ ва Қизилтеппа хоҷагиҳои фермерӣ хуб ривоҷ ёфтааст. Майдонҳои Ӯртачӯлу Маликчӯл пурра ба ихтиёри фермерон дода шудааст. Соли сипарӣ 18 хоҷагиҳои ширкатии аз ҷиҳати иқтисодӣ ноҷор ва зараровар ба хоҷагиҳои фермерӣ табдил дода шуд.

Инчунин, зарурати барҳам додани хоҷагиҳои ширкатии зарароварӣ вуҷуддошта ва ба соҳибони ҳақиқии худ — фермерон додани заминҳои онҳо дар вохӯрӣ қайд шуд.

Дар вохӯрӣ ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Р. Азимов ва ҳокими вилояти Навоӣ Б. Рӯзиев иштирок карданд.

---

## Маҳсулоти гуногун

Дар корхонаи «Навоиазот» соли ҷорӣ ба миқдори 60 миллиард сӯмина маҳсулот баровarда шуд. Истеҳсоли амиак 206 фоиз, холестирин 140 фоиз иҷро гардид. Аз истеҳсоли каучук, сода, кислотаи хлорид ва ғайра, ки барои металлҳои ранга истифода мешавад, 20 ҳазор доллари амрикоӣ фоида ба даст омад. Корхона матоъҳои гуногун тайёр карда, калобаресиро ба роҳ мондааст. Ин гуна маҳсулот ба Туркия, Чин ва ба мамлакатҳои собиқ иттиҳод баровarда мешавад.

## Омодагӣ

Ҳокимияти вилояти Ҷиззах доир ба муташаккилонаву зебо гузарондани ҷашни дувоздаҳум солгарди истиқлол қарори махсус қабул кард.

Дар он таъкид карда мешавад, ки тадбирҳои асосӣ 1 сентябр соати 19.30 дар истироҳатгоҳи «Сангзоркӯл»-и шаҳри Ҷиззах баргузор мегардад.

Ба ҳокимони ноҳияву шаҳрҳо, роҳбарони муассисаву идораҳо вазифаву супоришҳои мушаххас дода шуд.

Баробари ободу зебо намудани кӯчаву хиёбонҳо, кабудизоркунӣ, дар байни аҳолӣ бурдани корҳои фаҳмондадиҳии мазмуну моҳияти истиқлол, гузаронидани тадбирҳо дар мавзӯи «худатро, хонаи худатро худат ҳифз намо!», дар қисмҳои ҳарбӣ бо рӯҳбаландӣ гузаронидани тантанаҳо низ ба зиммаи ҳокимиятҳои шаҳру навоҳӣ гузошта шуд.

Таклифи ҷойгир кардани штаби асосии вилоятии омодагӣ ва гузаронидани ид дар корхонаи муштараки Ӯзбекистону Америка «Ӯзэксайд» маъқул дониста шуд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**мухбири махсуси «Овози тоҷик» дар вилоятҳои Ҷиззаху Навоӣ.**

---

**Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

## Дар бораи такмилдиҳии қатъии сохти тартиби бақайдгирӣ барои ташкили фаъолияти тадбиргарӣ

Ба мақсади боз ҳам шароитҳои мусоид фароҳам овардан барои субектҳои тадбиргарӣ ва зина ба зина гузаштан ба принсипи ба қайдгирии расмигардонӣ, барҳам додани монеаҳои бюрократии рушди тадбиргарии хусусӣ Девони Вазирон **қарор мекунад**:

1. Тартиби зерин муқаррар карда шавад, ки мувофиқи вай ҳангоми расмигардонӣ ва ба қайдгирии давлатии субектҳои фаъолияти тадбиргарӣ:

якум, якбора кам кардани шумораи ташкилотҳои иҷозатдиҳанда;

дуюм, ба амал баровардани тамоми ризоият дар доираи танҳо як ташкилот, ки бо риояи қонунгузории дар амалбуда субектҳои фаъолияти тадбиргариро ба қайд мегирад, таъмин карда мешавад.

2. Дар назди ҳокимиятҳои ноҳияҳо (шаҳрҳо) Инспексияи бақайдгирии субектҳои тадбиргарӣ (баъдтар инспексия номида мешавад) ташкил карда шавад.

Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо:

то 1 октябри соли 2003 ташкил кардани Инспексияҳоро ба анҷом расонанд ва барои онҳо фароҳам овардани шароитҳои заруриро таъмин намоянд;

оид ба фаъолияти самарабахши инспексияҳо, барҳам додани фактҳои бюрократӣ ва кашолакорӣ ҳангоми расмигардонии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда ва ба қайдгирии давлатии субектҳои тадбиргарӣ тадбирҳо андешанд.

3. Вазифаҳои асосии Инспексияҳои аз нав созмонёбанда инҳо муайян карда шаванд:

қабул ва экспертизаи ҳуҷҷатҳои аризадиҳандагоне, ки бо фаъолияти тадбиргарӣ машғул шуданро пешбинӣ менамоянд ва асосҳои барои ин зарурӣ;

муайян намудани ташкилотҳои дахлдор, ки дар доираи ваколати онҳо бояд ҳатман мувофиқат кунад ва аз онҳо гирифтани иҷозатномаҳо барои ба амал баровардани фаъолияти тадбиргарӣ, яъне:

(Давомаш дар саҳ.2)

---

## Барои такмили ихтисоси омӯзгорон

**ТОШКАНД. (Мухбири ӮзА А.ИВАНОВА).** Тамоми 53 факултети маркази такмили ихтисос ва азнавтайёркунии кадрҳои ҷумҳурӣ, ки дар ин ҷо муаллимони коллеҷу литсейҳо таълим мегиранд, ба мавсими нави таълим бо техникаи замонавӣ ва компутерҳои навтарин таҷҳизонида шуданд. Вазорати таълимоти олӣ ва миёнаи махсус ба ин ҷо 426 компутерҳои охирин, ки аз ҳамкорони хориҷӣ дастрас шудаанд, тӯҳфа намуданд. Ин тадбир боз як иқдомест дар амалӣ гардондани қарори Девони Вазирон аз 4 октябри соли 2001 «Дар бораи тадбирҳои такмил додани системаи тайёр намудани кадрҳои педагогии муассисаҳои махсуси касбӣ ва таълими умумӣ» мебошад.

Он чиз қобили қайд аст, ки ҳар як компутер бо барномаи махсуси таълимӣ таъмин аст. Дар хотираи ҳар яки он зиёда аз 240 китобҳои дарсӣ ва курсҳои лексионӣ, инчунин дастуруламалҳои методӣ барои гузарондани дарсҳои лабораторӣ ҷой гирифтаанд. Ба ғайр аз ин дар компутерҳо бо назардошти талаботи рӯз лоиҳаи нақшаи индивидуалии кори муаллим ҷойгир шудааст, ки ба муаллим имкон медиҳад, кори таълимро мушаххас, мувофиқ ба талаби давру замон ба роҳ монад. Маҷмӯаи чунин таҷҳизотро бо усули васл намудан ба хатти Интернет ҳамаи китобхонаҳои муассисаҳои такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ дастрас намуданд.

Баланд бардоштани сифати таълим имрӯз аз вазифаҳои муҳимтарини давраи дуюми амалӣ сохтани барномаи Миллии тайёр кардани кадрҳо мебошад. Системаи таълим ба он нигаронида шудааст, ки дар ҷараёни таълим усули замонавии дарсдиҳӣ ҷорӣ гардад, технологияи информатсионӣ ва таҷрибаи пешқадами байналхалқии соҳа мавриди истифода қарор гирад. Фароҳам намудани шароитҳо ҷиҳати мунтазам баланд бардоштани маҳорати касбӣ, ба онҳое, ки ба ин кор мустақиман алоқаманд мебошанд, яъне ба муаллимон, аҳамияти калон дода мешавад.

Ба ҷуз аз захираҳои худӣ ба ин кор сармояҳои иловагии хориҷӣ низ ҷалб карда мешаванд. Ин аст, ки ба қарибӣ аз рӯи шартнома оид ба ҳамкорӣ бо университети технологии Малайзия, Мара Вазорати таълимоти олӣ 40 адад компутерҳои Pentiym-IV, китобҳои дарсӣ ва дастуруламалҳо оид ба иқтисод, технологияи информатсионӣ, инкишофи бизнеси миёна ва хурд гирифт. Ҳамаи ин тӯҳфаҳо, ки ба ихтиёри бунёди Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Истеъдод» ворид шудаанд ва он бо Фармони сарвари мамлакат таъсис ёфта, вазифаи он такмили ихтисос ва ташкили таҷрибаомӯзии омӯзгорони ҷавони пурумед ва кадрҳои илмӣ мебошад.

